# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Ализода Наврӯзалӣ дар мавзуи «Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 - Фолклоршиносӣ. – Душанбе, 2023. – 155 саҳ. Бо рӯйхати адабиёт 177 саҳ.**

Дар кишварҳои гуногуни олам дар садаи XIX-XX ва то имрӯз маводи зиёди жанрҳои фолклорӣ гирдоварӣ, нашр ва то ҳадде мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар асоси ин мавод дар ҳар кишвар рисолаҳои нав ба нави илмӣ таълиф мешаванд ва пажуҳандагон паҳлуҳои мухталифи жанрҳои фолклориро мавриди пажуҳиш илмӣ қарор медиҳанд.

Дар тули беш аз сад сол дар кишвари Афғонистон низ матнҳои зиёди фолклорӣ аз ҷониби пажуҳандагони дохилӣ ва хориҷӣ гирдоварӣ шудааст, вале таҳқиқи онҳо дар асоси андешаҳои назарии илми фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ, ғайр аз чанд кори ангуштшумор, то имрӯз ба таври ҷиддӣ сурат нагирифтааст. Барои он ки ҳар як жанри фолклорӣ ба таври ҷузъиёт пажуҳиш шавад, пеш аз ҳама як кори умумии лозим аст, ки дар он маълумоти муфассал оид ба гирдоварӣ, нашр, пажуҳиш ва вежагиҳои он жанр дода шавад.

Хуб аст, ки Ализода Наврӯзалӣ барои пажуҳиши худ фақат як жанрро интихоб намуда, ба таври куллӣ ҷойгоҳи ин жанрро дар байни мардуми Афғонистон аз ҷиҳати гирдоварӣ, нашр, пажуҳиш, вежагӣ, мавзуъ, сохтор, воситаҳои тасвири бадеӣ, матн дар контекст, забон ва услуб бо муқоиса бо зарбулмасалҳои кишварҳои ҳамзабон, ба хусус забони тоҷикӣ, муайян намудааст.

Рисола “Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон” ном дошта, унвони муносиб аст. Омӯзиши поэтикаи асарҳои бадеӣ аз замони Арасту то имрӯз идома дорад. Нисбат ба истифодаи ин истилоҳ дар адабиётшиносӣ баҳсҳо зиёд бошад ҳам, вале дар солҳои охир дар адабиётшинсӣ ва

фолклоршиносии кишварҳои гуногуни олам ба таври васеъ ба кор меравад. Аз сабаби он ки то асри XIX ҳанӯз маводи фолклорӣ хеле кам гирдоварӣ шуда ва илми фолклоршиносӣ шакл нагирифта буд, истилҳои "поэтика"-ро фолклоршиносон мавриди истифода қарор намедоданд. Александр Николевич Веселовский (1836-1906) яке аз аввалинҳо буд, ки дар китоби худ "Историческая поэтика" (М., 1989) ба таври васеъ дар канори осори адибон ба поэтикаи матнҳои фолклорӣ таваҷҷуҳ намуд. Ҳамин тавр, дар асарҳои илмии Р.Якобсон "Работы по поэтике" (М., 1987), С.Г.Лазутин "Поэтика русского фольклора" (М., 1989), А.А.Потебня "Теоретическая поэтика" (М., 1990), Е.М.Мелетинскӣ "Поэтика мифа" (М., 1995), О.М.Фрейденберг "Поэтика сюжета" (М., 1997), В.Я.Пропп "Поэтика фольклора" (М., 1998) ва ғайра истилоҳи "поэтика" ба таври васеъ ба кор рафтааст.

Дар фолклоршиносии замони шуравӣ низ истилоҳи "поэтика" таҳти мафҳумҳои "Сравнительная поэтика и стилистика" (ниг.: Типология и взаимосвязи фольклора народов СССР, М., 1980), "Историческая исследование поэтики" (ниг.: Гацак В.М. Устная эпическая тардиция во времени, М., 1989) ва ғайра зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст. Ба хусус дар асари ба таври ҳаммуалифӣ таълифшудаи пажуҳандагон С.С.Аверинцев, М.Л.Андреев, М.Л.Гаспаров, П.А.Гринцер, А.В.Михайлов «Категория поэтики в смене литературных эпох» (ниг.: Историческая поэтика, М., 1994, с. 3-38) дар илми адабиётшиносӣ ва фолклоршиносӣ мафҳуми васеъ пайдо кардани поэтика муфассал шарҳ ёфтааст.

Соли 1967 рисолаи илмии донишманди дақиқназар Б.Тилавов зери унвони "Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок" ба нашр расид, ки ба ин асар фолклоршиноси машҳур В.Я.Пропп баҳои баланд дода буд. Диссертатсияи Н.Ализода бо роҳнамоии А.Муллоев маслиҳати устодони дигар ба мисли Ш.Солеҳов, В.Элбоев, А.Худойдодов, С.Қосимӣ ва дигарон дар пайравии ҳамин рисолаи илмии Б.Тилавов таълиф шудааст.

Диссертатсияи Н.Ализода “Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон” аз муқаддима ва се боб иборат буда, муаллиф дар муқаддима оид ба мубрамӣ, дараҷаи омӯзиш, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, методология, навгонӣ, арзиши назарӣ-амалӣ, объект, предмет, саҳми муаллиф, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва натиҷаҳои таҳқиқ сухан гуфтааст.

Маълум аст, ки пажуҳиши матнҳои фолклорӣ дар асоси маводи гирдоварии фолклорӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ хуб аст, ки муаллиф боби аввали рисолаи худро “Таърихи гирдоварӣ, нашр ва таҳқиқи зарбулмасаҳои даризабонони Афғонистон” номида, заминаи кори худро ба таври муфассал, дар асоси маводи зиёди солҳои гуногун бо диди илмӣ шарҳ додааст. Аз фасли аввали боби якум фаҳмида мешавад, ки нисбат ба истилоҳои “зарбулмасал” дар байни мардуми Афғонистон вожаҳои “зарбулмасал”, “масал”, “матал”, “мисол”, “тамсил”, “амсол”, “ҳакам”, “ҳикам” ба кор мерафтааст. Муаллиф дар асоси маводи сабтшуда, луғатномаҳо ва маҷмуаҳои фолклорӣ бо далелҳо оид ба ин истилоҳот назари худро баён намуда, ёдовар мешавад, ки дар кор фақат истилоҳи “зарбулмасал” ба кор бурда мешавад (ниг.: саҳ. 16-23).

Унвони фасли дуввуми боби аввали диссертатсия “Гирдоварӣ ва нашри зарбулмасалҳои даризабонон” аст. Ба назари мо заминаи асосии пажуҳиш ҳамин фасл аст, чунки агар мавод гирдоварӣ ва нашр шуда, дастрас набошад, таҳқиқ сурат намегирад. Аз ин рӯ, пажуҳанда дар ин фасл ба таърихи нашри андарзнома ва зарбулмалҳо, аз Авесто, даврони Сосниён шурӯъ намуда, баъдан дар бораи маҷмуаҳои арзишманди Ҳабларудӣ, Солеҳи Исфаҳонӣ, Воҷид Алии Муҷмалӣ иттилоъ медиҳад. Сипас, оид ба гирдоварӣ ва нашри зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон дар рӯзнома, маҷалла ва маҷмуаҳо бо маълумоти лозим оварда, арзиши ҳар кадоме аз ин матнҳои нашршударо шарҳ медиҳад. Бо мисолҳо дар бораи нашри матнҳои чопшуда назари худро гуфта, дар мавридҳои муносиб бо гирдовардандагон ба баҳс мепардозад. Айни ҳамин амалро дар

фасли сеюми ҳамин боб нисбат ба “Таҳқиқи зарбулмасалҳои даризабонон” анҷом дода, назари пажуҳандагон А.Шуур, Р.Фарҳодӣ, Б.Номиқ, А.Муҳиб, М.С.Покфар, И.Шаҳронӣ, Р.Раҳмон, А.Барзинмеҳр, С.Асадуллоев, С.Норматов, Д.Обидов ва дигаронро нисбат ба пажуҳиши зарбулмасалҳои даризабонон меорад ва бо онҳо ба баҳс мепардозад. Як нуктаи муҳими ин фасл он аст, ки диссертант яке аз баҳсҳои пажуҳажагонро дар бораи зарбулмсалҳои даризабонон оварда, дар атрофи он ақидаи худро баён менамояд. Ин он аст, ки А.Барзинмеҳр оид ба маҷмуаи И.Шаҳронӣ “Зарбулмасалҳои дарии Афғонистон” (1998) накде навишта, андешаи худро баён менамояд, вале ин накд боиси озурдагии Турхон Бадахшонӣ мешавад. Дар натиҷа Т.Бадахшонӣ ба накди А.Барзимеҳр бо хашм ва тунд посух мегӯяд. Пасон, баҳси А.Барзинмеҳр ва Т.Бадахшонӣ тулонӣ шуда, дар шакли китобҳои ҷудогона чоп мешавад. Диссертант холисона, ба далелҳо, назари ҳар ду ҷонибро оварда натиҷагирӣ менамояд: “Пас аз мутолиаи маҷмуаҳо ва асарҳои назарии зарбулмасалшиносони кишварҳои хориҷӣ ба чунин натиҷа расидем, ки аксари муҳаккиқони афғонистонӣ аз баҳсҳои илмии байналмилалӣ бехабаранд. Ин аст, ки ин мубоҳиса низ ба таври эҳсосӣ сурат гирифтааст. Дар асл, ҳамаи маҷмуаҳо, ки нашр шудаанд, арзишманд мебошанд, фақат онҳо бо ҳавсала дар як рисолаи илмӣ дар асоси назарияи зарбулмасалшиносии байналмилалӣ бояд мавриди накду баррасии мантиқӣ қарор гиранд” (с. 66).

Дар ҳамин фасл Н.Ализода дар бораи пажуҳишҳои А.Барзинмеҳр «Зарбулмасалҳо ва киноёт дар «Маснавӣ»-и Мавлавии Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ», «Зарбулмасалҳо дар лобалои девони Носири Хусрав», «Амсолу ҳикам дар шеъри Халилӣ», рисолаи Шоҳмуҳаммад Муслеҳ «Таҳлили решаҳои таърихии бархе аз амсолу ҳикам дар забони форсии дарӣ», китоби Маҳмуд Ҷаъфарӣ «Фарҳанги сиёсии Афғонистон дар оинаи амсол ва ҳикамӣ форсӣ» низ назари худро баён намуда, дар айни замон

нуқсонҳои ин рисолаҳоро бо мисолҳо нишон медиҳад. Дар охири боби аввал муаллиф ба хулосаи мантиқии зерин меояд: “Ҳамин тавр, дар охири ин боб метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки то ба имрӯз муҳаққиқон дар Афғонистон нисбат ба зарбулмасал истилоҳи ягонаро ба кор намебаранд. Гирдоварӣ ва нашри матнҳои зарбулмасалҳо бо сабку салиқаи ҳар кас идома дорад. Аммо то ҳол ягон маҷмуаи мукаммали илмӣ, ки тибқи равиши илми фолклоршиносӣ буда, ҳар матн дорои шиносномаи худ бошад, нест. Баррасии муфассали матнҳо низ то имрӯз сурат нагирифтааст. Ҳар муҳаққиқ дар асоси мавод ва мавзуи интихобнамудаи худ матнҳои мавҷудро таҳқиқ ва таҳлил намудааст, ки ҳамаи онҳо чун сарчашмаи илмӣ барои баррасиҳои корҳои оянда муфид мебошад” (с. 73).

Боби дуюми диссертатсия “Хусусиятҳои жанрӣ, мавзуъ ва муқоисаи зарбулмасалҳои даризабонон ва ҳамзабонон” буда, аз се фасл иборат аст. Муаллиф дар фасли аввал “Хусусияти жанрии зарбулмасал”-ро дар асоси гуфтаҳои пажуҳандагон А.Тейлор, Г.Л.Пермяков, Б.Тилавов, М.Фозилов, А.Деҳхудо ва дигарон шарҳ медиҳад. Бо пажуҳандагон вориди баҳс мешавад ва баъдан ёдовар мешавад, ки пажуҳандагони зарбулмасалҳои Афғонистон аз сабаби надонистани осори назарӣ зарбулмасалро бо матнҳои дигар омезиш додаанд ва мегӯяд: “Ба назари мо, сабаби аз ин баҳсҳои назарӣ бехабар будани муҳаққиқони афғонистонӣ боиси он гардидааст, ки бархе ибора, ҷумла, киноёт ва дигар анвои дар забони шифоҳӣ маъмулро бо зарбулмасал омезиш медиҳанд. Агар ҳар муҳаққиқи афғонистонӣ бо диққат машғули мутоилаи осори таҳқиқии забоншиносӣ ва фолклоршиносии байналмилалӣ роҷеъ ба зарбулмасал, иборaҳои фразеологӣ ва дигар анвои иборaҳо ва ҷумлаҳои ба он наздик шавад, масъала то ҳадде ҳалли худро меёбад” (с. 78.)

Фасли дуюми боби дуюм “Мавзуъҳои зарбулмасалҳо” ном дошта, дар ин бахш муаллиф бо мисолҳо дар бораи “Кор ва заҳмат”, “Тарбияи фарзанд”, “Ахлоқ ва одоб”, “Ростӣ ва дурустӣ”, “Дурӯғ ва дурӯғгӯӣ”, “Зан, модар ва

духтар”, “Ихтилофи табақоти синфӣ” изҳори назар менамояд. Маълум мешавад, ки мардуми Афғонистон нисбат ба ҳар падидаи зиндагӣ бо назари панду андарз нигариста, ҳамеша аз тариқи зарбулмасал роҳнамои мардум будаанд.

Фасли сеюми боби дуюм “Муқоисаи зарбулмасалҳои ҳамзабонон” ном дошта, бо мисолҳо аз як тараф муштаракоти зарбулмасалҳои машҳури кишварҳои ҳамзабонро таъкид менамояд, аз тарафи дигар вежагиҳои маҳаллии онҳоро ёдовар мешавад. Тибқи баррасии муаллиф ҳанӯз ҳам зарбулмасалҳое ҳастанд, ки дар тули асрҳо то имрӯз бо андаке тағйирот вирди забони форсизабонони кишварҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон мебошанд: “Аввал андеша, баъд гуфтор”, “Аз одами бекор, Худо безор”, “Чоҳкан зери чоҳ”, “Девор муш дора, муш гӯш дора” ва ғайра.

Боби сеюми диссертатсия “Сохтор, бадеият, забон ва услуби баёни зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон” ном дорад. Ин боб аз се фасл ва дар айни замон ҳар фасл аз зерфаслҳо иборат аст. Муаллиф дар фасли аввал роҷеъ ба сохтор, вазн, қофия, радиф, саҷъ дар зарбулмасал сухан ронда, бо мисолҳо оид ба шакли ин навъ матнҳо назари хешро баён менамояд.

Дар фасли дуюми ин боб “Воситаҳои тасвири бадеӣ” таъсири эстетикии зарбулмасалҳоро аз тариқи ҳунарӣ нишон дода, барои тасдиқи фикри худ оид ба санъатҳои бадеии тавсиф, ташбеҳ, истиора, киноя, мувозина, таҷнис, таносуб, талмеҳ, муболиға, муламмаъ, иҳом, тазод, ирсоли масал, ҳусни таълил, лаффу нашр, мувозӣ мисолҳо оварда шарҳ медиҳад.

Яке аз масъалаҳои мубрам ин шинохти зарбулмасалҳо дар матн, яъне контест мебошад. Н.Ализода бо мисолҳо матнҳои қолиберо шарҳ медиҳад, ки дарки комили онҳо фақат дар контест маълум мешавад. Дар ин маврид аз таҳқиқи С.Норматов, Д.Обидов ва Р.Раҳмонӣ бо некӣ ёд менамояд, ки онҳо зарбулмасалҳои даризабононро аз байни мардум дар контест сабт намудаанд.

Диссертант дар фасли чоруми боби сеюм “Хусусияти забонӣ ва услубии зарбулмасалҳо” бо такя ба гуфтаи пажуҳандагон Р.Фарҳодӣ, Б.Я.Островский,

А.Барзинмеҳр оид ба вожа, ибора ва ҷумлаҳои матнҳо изҳори назар менамояд. Дар ин мавриди дар гӯишҳои гуногуни даризабонон чӣ гуна дигар шудани матни зарбулмасаҳоро тавзеҳ медиҳад. Баъдан оид ба хусусиятҳои сарфии зарбулмаслҳо низ ақидаи худро баён намуда, мавқеи исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф ва монанди инро бо мисолҳо шарҳ дода, ҷойгоҳи онҳоро дар зарбулмасалҳо маълум месозад.

Ҳамин тавр, Н.Ализода хулосаи пажуҳиши худро дар 12 банд асоснок карда шарҳ додааст, ки дар оянда ба пажуҳандагон ба кадом масъалаҳо таваҷҷуҳ намоянд. Аз ҷумла гуфтааст: "Ба ҳар ҳол то имрӯз маводи зиёди зарбулмасалҳои даризабонон гирдоварӣ ва дар маҷмуаҳо бо такрорҳо чоп шудааст ва кори гирдоварӣ идома дорад. Акнун фурсати он расидааст, ки дар асоси ин маводи фаровон ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва амиқтари он машғул шавем. Ба назари мо, вақти он аст, ки таҳқиқи масъалаҳои таърихи инкишоф, мавзуъ, бадеият, забон, муқоисаи типҳо бо лаҳҷаҳо ва бо забонҳои дигар ҳар кадоме дар рисолаҳои алоҳида мавриди таҳқиқ қарор бигирад. Аз ин ҷиҳат, кори муаллифи диссертатсия оғози корҳои оянда буда, дар он ба таври куллӣ роҷеъ ба масоили мавҷуди зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон сухан гуфта шуд, то дар оянда барои таълифи диссертатсияҳои ҷудогона роҳнамо бошад" (с. 151).

Муаллиф дар диссертатсия беш аз 220 сарчашма ва адабиёти илмиро ба кор бурдааст, ки ин низ далел аз заҳмати эшон аст. Дар воқеъ диссертатсияи Н.Ализода дар сатҳи хуби илмӣ навишта шуда, як кори арзандаи илмӣ ба шумо меравад. Вале бо вуҷуди ин комёбиҳо дар он баъзе нуқсонҳо дида мешавад, ки ба чанде аз он ишора менамоем:

1.Дар рисола гоҳе хатоҳои техникӣ, такрори феълҳо, ҷумлаҳо дида мешаванд (ниг.: с. 5, 8, 17, 20, 29, 38, 46, 56 ва ғ.).

2. Ҳангоми овардани мисолҳо шакли адабии баъзе калимаҳои лаҳҷавӣ оварда мешуд, хубтар буд (с. 81, 140 ва ғ.).

3. Дар рисола аз “Муқтадирӣ Муҳаммадтақӣ. Амсоли форсии афғонӣ дар бораи занон Покистон: Чопхонаи нотсионол, 1351....” ёд шуда, вале дар бораи он маълумоти лозим ба назар нарасид. Ҳамчунин, дар рӯйихати адабиёт низ саҳифаи дақиқи ин маҷмуа зикр нашудааст (с. 168).

4.Дар рӯйхати адабиёт шуморагузории “сарчашмаҳо”, “сарчашмаҳо ба хатти форсӣ”, “адабиёти илмӣ ба хатти форсӣ” бояд пай дар пай оварда мешуд, ки риоят нашудааст (с.156-171).

5.Агар муаллиф тафовути чанд матнро бо гӯишҳои гуногуни даризабонони Афғонистон дар ҷадвале нишон медод, он гоҳ хусусиятҳои гӯишҳои даризабонон ҳангоми истифодаи зарбулмаслҳо дақиқтар ҷилвагар мешуд.

Новобаста ба ин камбудиҳо Ализода Наврӯзалӣ дар диссертатсияи худ ҷанбаҳои мубрами поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистонро бо мисолҳои фаровон мавриди баррасии муфассал қарор дода, кори шоистаеро ба анҷом расонидааст, ки он барои пажуҳандагони кишварҳои ҳамзабон (Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон) барои тадқиқотҳои минбаъда сарчашмаи муфид хоҳад буд.

Хулоса, диссертатсияи Ализода Нарврӯзалӣ **«Поэтикаи зарбулмаслҳои даризабонони Афғноситон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 - Фолклоршиносӣ кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Ализода Наврӯзалӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд. Мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.09 - Фолклоршиносӣ комилан мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Ализода Нарврӯзалӣ **«Поэтикаи зарбулмаслҳои даризабонони Афғонистон»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 - Фолклоршиносӣ мебошад.

**Мукарризи расмӣ:**
доктори илми филология,
профессори кафедраи назария ва
адабиёти навини форсии тоҷикии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҳмонов Р.Қ.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10,
тел: (+992) 91-989-02-08.
Mail:rrahmon54@yahoo.com
29-уми августи соли 2023

Имзои Р.Қ.Раҳмоновро
«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17,
тел: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.